ФАРМОИШИ
РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «31» 08 соли 2026 № 312/дм ш. Душанбе

Дар бораи додани дараҷаи илмии номзади илм

Мутобиқи сархати ҳабдаҳуми банди 9 ва сархатҳои чорум ва даҳуми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270 ва бандҳои 4, 5, 6 ва 116 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, фармоиш медиҳам:

1. Ба довталабони дараҷаи илмӣ тибқи рӯйхат (чор нафар) дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии номзади илм дода шавад (рӯйхат замима мегардад).
2. Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус (Суҳроб Ҷурахонзода) дипломҳои намунаи давлатии дараҷаи илмиро барасмият дарорад.
3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ (Саврӣ Исматуллоҳзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ва парвандаҳои аттестатсионӣ ҷойгир намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2026, №9

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХААШ АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Замима
ба фармоиши раиси Комиссияи олии
аттестатсионии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «31» 08 соли 2026, № 312/ди

Рӯйхати
довталабоне, ки ба дараҷаи илмии номзади илм сазовор дониста шудаанд ва ба онҳо дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмӣ дода мешавад

| № | Насаб, ном ва номи падари довталаб | Шурои диссертатсионӣ, ки барои сазовор донистани дараҷаи илмии номзади илм ба Комиссия дархостнома пешниҳод кардааст; дараҷаи илмӣ |
|---|---|---|
| 1. | Одинаев Мирали Файзуллоевич | 6D.KOA- 040 назди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино; номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 3.1.17. Ҷарроҳӣ |
| 2. | Султонмамади Гулмамад | 6D.KOA-038 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.6. Биохимия |
| 3 | Ҳакимов Султон Аттоевич | 6D.KOA-038 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.30. Паразитология |
| 4. | Изатулоев Сафарали | 6D.KOA-075 назди Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон; номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2. Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ |